# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих)**

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро бе иттилоот ва технологияҳои коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар рӯз ба фазои маҷозӣ миллиард ва аз он ҳам зиёд иттилоот ворид шуда, шабакаҳои иттилоотӣ ва васоити ахбори оммаи хориҷӣ ба ҷои густариш ва ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои геополитикӣ дар майдони набардҳои иттилоотӣ вазъи кишварҳо ва ҷомеаҳоро ноором менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Дар автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович маҳз масъалаҳои хатарҳои иттилоотӣ, роҳҳои муқовимати кишварҳои Осиёи Марказӣ бар зидди он дар ибтидои асри XXI ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо дар доираи ниҳодҳои минтақавӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф марҳилаҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти амнияти иттилоотӣ ва муқовимати кишварҳо бар зидди хатарҳои иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мусаллам аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI дар баробари мушкилотҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба амнияти иттиоотӣ низ дучор гардидаанд. Муаллифи рисола равандҳои таъсри муборизаҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои киберӣ ба сохторҳои гуногуни кишварҳо ва гаравидани ҷавонони ба гурӯҳҳои ифротиро, ки маҳз тавасути технолгияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ сурат мегирад, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муҳимтар аз он ин ки муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ ба иқдомҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ доир ба хатарҳои иттилоотӣ ва қабули консепсияҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳамкории онҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай диққати махсус додааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсия дар омӯзиши таҳаввулоти сиёсати хориҷии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта, барои дарки ҳамкориҳои стратегӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дурнамои нав мекушояд ва дар самти ҳамгироии минтақавӣ масъалаи муносибатҳои кишварҳо ба илми таърих як қадами муҳимме мебошад.

Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили муносибатҳои минтақавӣ пайгирона баён карда шудаанд. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш, таҳлил ва мушаххассозии хатарҳои иттилоотӣ ва миқёс, сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии ин таҳқиқоти рисоларо равиши системавӣ-таърихӣ дар якҷоягӣ бо як катор усулҳои умумии илӣ - таърих, таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад. Тадбиқи ин принсипҳои методологӣ имкон медиҳад, ки равандҳо ва падидаҳои асосии марбут ба ташаккул, рушд ва хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои

минтақавӣ дар чоряки аввали асри XXI, инчунин нақши онҳо дар сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян карда шаванд.

Сохтори автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, шарҳи қисматҳои асосии диссертатсия, хулоса, рӯйхати интишороти муаллиф, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда, шарҳи мухтасар (аннататсия) иборат аст. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шудааст. Шарҳи мухтасар (аннотатсия)-и автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод шудааст.

Дар автореферати диссертатсия талаботҳои қайди муқаддима риоя гардидааст. Дар баробар ин, дар автореферат талаботи техникӣ ва имлоии қайди иқтибосҳо ва адабиёти истифодашуда низ дуруст ба роҳ монда шудааст. Бояд гуфт, ки чунин сохторбандии автореферати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи оинномавии шурои диссертатсионии 6D.KOA-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бозёфтҳои асосии ин таҳқиқот дар мақолаҳои сершумори илмии муаллиф инъикос ёфта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии ин рисоларо дар соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ тасдиқ мекунанд.

Умуман, рисолаи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзӯи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шудааст ва ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) мебошад.

**Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Имзои д.и.т., профессор Ҳомидзода Фуркат Муқимро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

14. 11. 2025.

***Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, х. 1.***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,***
***бизнес ва сиёсати Тоҷикистон***
***Тел.: +992342223811***
***E-mail: tsulp@rambler.ru***